ҶАШНИ ГУЛ ДАР ҶАМАНИ НАВРӮЗ АСТ,
ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ.

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

26 марти соли 2024

№ 6-7 (196-197)

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ БАРГУЗОРИИ КАРНАВАЛИ НАВРӮЗИИ «КОРВОНИ ШОДӢ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ 25.03.2024



**Ҳамватанони азиз!**
**Муҳтарам сокинони пойтахт, меҳмонон ва ширкаткунандагони ҳамоиши наврӯзӣ!**

Ҳамаи шумо ва кулли мардуми шарифи Тоҷикистонро бори дигар ба муносибати куҳантарин ва бузургтарин ҷашни миллиамон – Наврӯз, ҷашни баҳор ва эҳёи табиат самимона табрик гуфта, ба шумо саломативу сарсабзии баҳорӣ ва ба Ватани маҳбубамон суботу пешрафти рӯзафзун орзу менамоям.

Наврӯз аз ҷумлаи бузургтарин ва маҳбубтарин ҷашнҳои тоҷикон мебошад, ки аз даврони бостон ҳамчун мероси пурарзиши ниёгони некномамон то замони мо расидааст.

Мувофиқи асотире, ки дар миёни гузаштагони мо маъруф будааст, нахустин шоҳи олам Каюмарс, ки тавсифи подшоҳии ӯ дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ омадааст, дар ин рӯз ба тахти шоҳӣ нишастааст.

Дар «Шоҳнома»-и безавол, ҳамчунин, бунёд гузоштани Наврӯз ва муайян намудани сари соли нав ба шоҳ Ҷамшеди пешдодӣ нисбат дода шудааст, ки ба ин хотир, ин ҷашнро чун Наврӯзи ҷамшедӣ низ ёд мекунанд.

Ба ин маънӣ, Наврӯз ҳамчун оғози ҳамаи шукуфтанҳо, сарсабзиҳо ва эҳёи дигарбораи замину замон бо таърихи бостонӣ ва фарҳангу адабиёти оламшумули миллати тоҷик пайванди ҷудоинопазир дорад.

Аз сарчашмаҳои муътамад бармеояд, ки ҷашни Наврӯз дар заминаи андешаҳои амиқу пурвусъат ва ҷаҳонбиние бунёд шудааст, ки сабаби пойдории ҳувияту ҳастии мардуми мо, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои миллиамон то ба имрӯз гардидаанд.

Маҳз ҳамин афкору андеша ва ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии Наврӯз ва дигар силсилаҷашнҳои ориёӣ, аз қабили Сада, Тиргон ва Меҳргон бо гузашти асрҳо ба ҷузъи муҳимми худшиносии миллии тоҷикон табдил ёфтаанд.

Наврӯз ҷашни сирф табиӣ, рамзи бедории табиат, пайванди ногусастании ҷовидонаи инсон бо табиат ва пайки шодиву сурури хурду бузурги мардум мебошад.

Бинобар ин, мо онро ҳамчун мероси пурғановати фарҳангиамон нафақат таҷлил менамоем, балки барои омӯхтану барқарор кардани ойину русуми азбайнрафтаи он талош мекунем.

Боиси ифтихор аст, ки Наврӯз – калимаи асили тоҷикӣ, яъне «рӯзи нав» ҳоло барои миллионҳо аҳолии сайёра ҳамчун рӯзи ҷашни фархунда вирди забон аст.

Халқу миллатҳои зиёди дунё ин ҷашнро қабул намуда, онро бо анъанаҳои хоссаи худ таҷлил мекунанд.

Яъне Наврӯз ба як омили муҳимтарини паҳншавии фарҳангу тамаддуни куҳанбунёди тоҷикон дар олам табдил ёфтааст.

Наврӯз – рӯзи падид омадани равшанӣ, ғалабаи некӣ бар бадӣ, аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ва бахшидани гуноҳи ҳамдигар, рӯзи меҳрубониву хушбахтӣ, рӯзи таваллуди дубораи табиату инсонҳо, поёни сардиҳо ва оғози фаровонӣ мебошад.

Маросиму ойинҳои ҷуфтбаророн, хонабаророн ё хонасафедкунӣ, оташафрӯзон, гулгардонӣ, суманакпазӣ, навозиши сари ятимону бепарасторон ва дигар амалҳои хайр аз суннатҳои неки наврӯзӣ буда, аксари онҳо то имрӯз дар кишвари мо ба таври васеъ роиҷанд.

Ташкилу баргузории ҳар гуна чорабиниҳои варзишӣ, аз ҷумла аспдавонӣ, гӯштигирӣ, инчунин, шеърхонӣ, ба бар кардани либосҳои миллӣ ва намоиши онҳо, омода намудани таомҳои миллӣ аз гиёҳу растаниҳои баҳорӣ аз ойинҳое мебошанд, ки мардуми мо онҳоро дар рӯзҳои наврӯзӣ бо шавқу завқи зиёд анҷом медиҳанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Меҳоҳам як нуктаи муҳимро таъкид намоям, ки ҷашни Наврӯз ва истиқлолу озодӣ – ин ду мафҳуми барои ҳар яки мо азизу муқаддас – дар таърихи навини тоҷикон бо ҳамдигар пайванди амиқ пайдо кардаанд, зеро Наврӯз ҳамчун шиносномаи таъриху фарҳанги миллии мардуми куҳанбунёду тамаддунсози тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.



Аз ҷониби дигар, маҳз неъмати соҳибистиқлолӣ имкон фароҳам овард, ки Наврӯз бо ин ҳама шукӯҳу шаҳомат ва расму ойинҳои неку созандааш дар сарзамини мо дигарбора эҳё ва таҷлил гардад.

Бинобар ин, ҳар яки моро зарур аст, ки бо истифода аз суннату анъанаҳои неки миллиамон ба хотири шукуфоиву рушди кишвари азизамон ва таҳкими дастовардҳои даврони истиқлоли давлатӣ минбаъд низ талош намоем ва тамоми имконияту нерӯи худро ба бунёдкориву созандагии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон равона созем.

Ҷашнҳои миллӣ, забони модарӣ, таърих ва фарҳангу тамаддуни бостонии худро гиромӣ дорем, онҳоро чун азизтарин сарвати миллӣ ҳифз кунем ва дар шароити ниҳоят мураккабу буҳронии ҷаҳони муосир неъмати бузургтарини зиндагиамон – истиқлолу озодӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ҳимоя намоем.

Ҳамзамон бо ин, таҷлили ҷашнҳои аҷдодӣ, аз ҷумла Наврӯзро бо дарназардошти талаботи даврони истиқлол роҳандозӣ намоем, онҳоро ҳамқадами замони муосир созем, ки яке аз онҳо ҳамоиши наврӯзии имрӯза мебошад.

Ҳар яки мо вазифадорем, ки дар айёми наврӯзӣ ва рӯзҳои дигар низ барои ободу зебо ва тозаву озода гардониданУ ба «кишвари сабз» табдил додани Ватани маҳбубамон саҳми арзишманди худро гузорем.

Чунонки ҳамватанони азизи мо дар ёд доранд, 9-уми март дар мулоқот бо намояндагони ҷомеа ва ходимони дин вазъи ноороми ҷаҳони имрӯза, таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла торафт густариш ёфтани фаъолияти гурӯҳҳои ифротгарову террористӣ ва сабабу омилҳои ба онҳо мусоидаткунандаро муфассал таҳлил намуда, вазифаҳои ҳар як шаҳрвандро дар чунин шароити мураккаб таъкид карда будам.

Хусусан, ҳодисаи нангину даҳшатноки дар наздикии шаҳри Москва рухдода ҳар яки мо, махсусан, падару модаронро бори дигар ҳушдор медиҳад, ки ба тарбияи фарзандон эътибори боз ҳам ҷиддӣ диҳанд.

Такроран таъкид менамоям, ки мо бояд наврасону ҷавононро аз таъсири чунин гурӯҳу ҳаракатҳои харобкору даҳшатафкан эмин нигоҳ дорем ва нагузорем, ки фарзандони мо ба номи неки миллати тоҷик, давлати соҳибихтиёри тоҷикон ва падару модари худ иснод оваранд.

Мардуми мо аз замонҳои қадим Наврӯз, яъне ҷашни сари солро, пеш аз ҳама, бо дилу нияти нек, яъне бо ботини тоза, сипас, бо зоҳири ороста, яъне сарулибоси тозаву озода истиқбол мегирифтанд ва ҳамеша умед доштанд, ки қадами соли нав бо файзу баракат шавад.

Хушбахтона, ин русуми хуби наврӯзӣ ҳоло дар кишвари биҳиштосои мо ривоҷи тоза пайдо кардаанд.

Мо бояд пайваста кӯшиш намоем, ки хонаву кошона, маҳалли зист ва ҷойи кори худро ҳамеша ороставу зебо нигоҳ дорем, зебоипарастӣ, озодагиву тозакорӣ ва ободониро ба одати доимии хурду бузурги мамлакат табдил диҳем, то ин ки тамоми гӯшаву канори Тоҷикистони азизи мо дар ҳамаи фаслҳои сол ба наврӯзгоҳи ҳақиқӣ табдил ёбад ва ҳар рӯзи Тоҷикистон мисли Наврӯз бошад.

Бо чунин ниятҳои неки наврӯзӣ бори дигар ҳамаи сокинони шарафманди пойтахт, тамоми ҳамватанони азиз дар дохили кишвар ва берун аз он, меҳмонони гиромӣ, мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз, инчунин, ширкаткунандагони ҳамоиши имрӯзаи наврӯзиро ба иф-

с. 2

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ БАРГУЗОРИИ КАРНАВАЛИ НАВРӮЗИИ «КОРВОНИ ШОДӢ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

тихори Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ ва ҷашни баҳору сарсабзии сарзамини биҳиштосоямон самимона табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо бахту иқболи баланду сарсабзӣ ва барои Тоҷикистони маҳбубамон – сарзамини зебой, баҳор ва Наврӯз – сулҳу оромӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ ва ваҳдати ҷовидонӣ орзу менамоям.

Бигзор Наврӯз бо қадамҳои муборак худ ба Тоҷикистони азизи мо, ки ватани наврӯз мебошад, барои имсолу солҳои дигар сарсабзиву хуррамӣ, ободиву пешрафт, таҳкими минбаъдаи сулҳу суббот, ваҳдати миллӣ ва болоравии боз ҳам бештари обрӯи кишвари маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ ба армуғон оварад!

**Ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ муборак, ҳамватанони азиз!**
**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**
**Наврӯзатон пирӯз бод!**

***

**Ҳозирини мухтарам!**

Пеш аз ҳама, мехостам аз номи ҳамаи шумо, аз номи кулли мардуми Тоҷикистон ва аз номи худ ба ҳамаи иштироккунандагони ин ҳамоиш, ба ҳамаи ҳунармандон, коргардонҳо ва ба ҳамаи онҳое, ки барои омода кардани чунин як ҳамоиши ҳам кухану ҳам ҳозиразамон ва бисёр зебо доир ба таърихи фарҳанг ва тамаддуни наврӯзӣ минатдории самимии худро баён намоям.

Аҳсан! Аҳсан! Офарин!
Офарин ва аҳсан!
Саломат бошед, хеле заҳмат кашидед.

Фарқи наврӯзи имрӯза аз наврӯзҳои гузашта – аз замин то осмон.

Иншооллоҳ, мо кӯшиш мекунем, ки наврӯзи оянда аз ин ҳам хубтару беҳтар бошад.

Мо бояд ҳамаи анъанаҳои қадимаи наврӯзиро омӯзем ва эҳё кунем.

Ҳамватанони азиз!
Ҳозирини мухтарам!

Дар ин ҳамоиш аксарият ҷавонон иштирок доред.

Ман ба ҷавонони мамлакат муроҷиат мекунам.

Ман ба падару модарони мухтарам муроҷиат мекунам: Ин Ватан – ин сарзамини биҳиштосо Ватани мову шумо аст, Ватани аҷдоди мову шумо аст.

Миллати тоҷик таъриху тамаддуни беш аз 6000-сола дорад.

Тоҷикистон дар асл ватани Наврӯз аст.

Мо шаш сол кӯшиш кардем дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ, бо созмонҳои бонуфузи фарҳангии ҷаҳонӣ кор кардем, оқибат бо Созмони Милали Муттаҳид Наврӯзро ба сатҳи байналмилалӣ расонидем.

Акнун ин тарафаш дар дасти шумост.

Ҷавонони имрӯза, падарони мухтарам, модарони азиз, шароит муҳайё кунед ба насли нав, ба наврасон, ба кӯдакон, ба наврасону ҷавонон шароит ва имконият диҳед, ки хонанд, илм омӯзанд, касб омӯзанд, ҳунар омӯзанд, ки оянда ин Ватани биҳишсоро соҳибӣ карда тавонанд.

Бо хурофот мо ягон қадам пеш намеравем.

Хурофот ба торикӣ мебарад, ба бадбахтӣ мебарад, на ба чизи дигар.

Ҷавонони азизи мамлакат!

Ҳама чиз дар дасти шумост.

Ин Ватан, пеш аз ҳама, Ватани наврасону ҷавонони имрӯза аст.

Ҳар кори неке, ки мо – калонсолон мекунем, барои шумо – насли ҷавони имрӯза мекунем.

Ин Ватанро мо ба шумо мерос мегузорем.

Муроҷиатҳои чандинкаратаи ман ба шумо чунин маънӣ доранд, ки ҳадафи мо аз эҳё кардани Наврӯз як хурсандӣ кардан нест.

Шумо бинед, ки Наврӯз чӣ аст?

Сари сол, пеш аз ҳама, тозагӣ.

Яъне бинед, бузургони гузаштаи мову шумо 6000 сол пеш барои мову шумо фикр карда, дар чор фасли сол чор ҷашнро эъзод кардаанд.

Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон барои мову шумо.

Дигар чӣ аст Наврӯз?

Як хурсандӣ кардану доира задан не.

Қалбҳоро пок кардан даркор, ботинро пок карданамон даркор, гуноҳи якдигарро бахшиданамон даркор.

Хонаву кошона, кӯчаву раста ва шаҳру ватанамонро тозаву озода карданамон даркор.

Ана ҳамин аст маънии таъриху тамаддун ва фарҳанги 6000-солаи Наврӯз.

Тозакорӣ, озодакорӣ, зебоипарастӣ, барои ҳамин ҳам дар рӯзи наврӯз, бинед, чӣ қадар хурсандӣ.

Дар хуну вуҷуди мову шумо аст ин ҷашн, ки ин қадар монеаҳо эҷод карданд барои пеши роҳи ҷашни Наврӯзро гирифтан, вале бинед, ки баъди 6000 сол чӣ гуна ҷӯш зада, эҳё гардид.

Ин танҳо бо ташвиқоти як Президент намешавад.

Ин дар хуну вуҷуди ҳастии миллати тоҷик аст, дар хуну вуҷуди мардуми ориёитабор ҳаст.

Яъне тоза кардан, озода кардан, зебоипарастӣ, бунёд кардан, некӣ кардан, сари сол ҳама кинаву адоватро аз дилҳо берун кардан даркор, ки аз саршавии сол Худо кунад, ки соли бофайз шавад, бобаракат шавад, амонӣ бошад, тинҷиву хушбахтӣ бошад.

Имрӯз 25-ум аст.

Таърихан Наврӯз 12 рӯз ҷашн гирифта мешавад.

Ҳар як рӯзаш як мақому таъиноти худашро дорад.

Мо бояд ҳам кор кунем, заҳмат кашем, ҳам ҷашн гирем ва ҳам хурсандӣ кунем.

Дар ҳар як оила хурсандӣ бошад, ин аст орзуи ман.

Аз Худои таоло орзуи ман ин аст, ки хурсандии ҷовидонаро мисли ана ҳамин Наврӯзи Аҷам насиби мардуми Тоҷикистон гардонад ва ҳар рӯзи мардуми мо Наврӯз бошад.

Ҳар рӯзатон Наврӯз бошад!
Ҳар рӯзатон Наврӯз бошад!

Худои таоло ҳарчи орзуву омоле, ки дар дилу ниятатон ҳаст, ҳамонро насибатон гардонад.

Хушбахт бошед!

Натарсед, наҳаросед, мо рӯзҳои сахту сангинро паси сар кардем.

Мо ин Ватанро обод карда истодаем, боз бунёд мекунем, месозем ва ба наслҳои оянда як мулки обод мерос мегузорем.

Мо бояд сидқан, фақат бо забон не, сидқан Ватанамонро дӯст дорем.

Забону фарҳанги худро, анъанаҳои миллии худро дӯст дорем.

Сару либосҳои миллии худро дӯст дорем.

Дӯстони азиз, модарону хоҳарони меҳрубон, бинед, чӣ хел рангоранг, чӣ қадар зебоянд либосҳои миллии мо.

Бе ҳамин ҳам мардуми ориёитабор, мо – тоҷикон мардуми зебо ҳастем.

Лекин либосҳои миллӣ моро боз ҳам зеботар мекунанд.

Бас кунед бегонапарастиро!
Бас кунед бегонапарастиро!

Мо худамон ҳама чиз дорем, фақат дар чорчубаи қонун кору зиндагиву фаъолият карданамон даркор.

Бори дигар аз самими қалб ҳамаи шуморо табрик мегӯям.

Ман медонам, моҳи шарифи Рамазон аст.

Мо ҳама дар моҳи шарифи Рамазон, шукрона, рӯзадорӣ мекунем, ҳам Наврӯзро ҷашн мегирем, ҳам заҳмат мекашем ва Ватанамонро боз ҳам ободу зебо мекунем.

Ман медонам, ман ҳис карда истодаам, худи ман ҳам дар ҳамин ҳолат ҳастам, вале ҳеҷ гоҳ рӯҳафтода набошед.

Ҳаёт, зиндагӣ, давлатдорӣ ҳамин будааст!

Фақат дар ҳеҷ ҳолат рӯҳафтода нашавед!

Ба шумо, ба кулли мардуми Тоҷикистон тинҷиву амонӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи комил ва бахту саодат мехоҳам.

Бори дигар Наврӯзатон муборак бошад, ҳамватанони азиз!

Як ҷаҳон ташаккур ба ҳамаи шумо барои заҳматҳои кашидаатон ва ин маҳфили бисёр зебо, ки имрӯз баргузор кардед!

Ба роҳбарияти ҳукумати шаҳр, ба тамоми сохтору мақомоте, ки дар ин ҷо заҳмат кашиданд, ташаккур!

**Саломат бошед!**
**Хушбахт бошед!**

# ИҚТИБОСҲО

## АЗ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОН, НАМОЯНДАГОНИ ҶОМЕА ВА ХОДИМОНИ ДИНИ КИШВАР, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 9-уми марти соли 2024



Мо имрӯз шукрона мекунем, ки аз баракати истиқлоли давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоии кишварамон, аз ҷумла дар самти озодии виҷдон шароити созгору мусоид фароҳам гардидааст ва имрӯз шаҳрвандони мо фаризаҳои динии худро озодона анҷом медиҳанд.

Ба шарофати рӯйдоди бузурги таърихӣ дар ҳаёти халқамон, яъне истиқлолу озодӣ мо ба эҳёи арзишҳои миллӣ ва динии худ муяссар шудем ва мардумамон бо мазҳаби аҷдодӣ, бо пирони хирад ва бузургони илму адаби гузашта ҳамаҷониба ошно гардиданд. Истиқлоли давлатӣ ба мо – миллати тамаддунсози тоҷик – имкон фароҳам овард, ки асарҳои бузургони худро бознашр ва ба мардуми кишвар дастрас намоем. Бори дигар такрор менамоям, ки ин ҳама аз баракати муқаддастарин неъмати зиндагии халқамон – истиқлолу озодӣ ба дунёвӣ будани давлатамон аст, ки барои пайравони ҳамаи динҳо имкониятҳои баробар ва шароити озоду созгори эътиқодиро фароҳам овардааст. Мардуми мо, ҳамчунин, имкон пайдо намуданд, ки расму ойинҳои миллӣ ва маросиму идҳои динӣ – ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон, Тиргону Сада ва идҳои Рамазону Қурбонро ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ эҳё карда, онҳоро бо иштироки озодонаи хурду бузурги мамлакат ва бо ифтихор аз таърихи беш аз шашҳазорсолаи миллати тоҷик таҷлил намоянд.

***

Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардонидани онҳо усулу воситаҳои зарурро дар сохтори давлатӣ ташаккул дод.

Таъсиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим дар назди Ҳукумат, Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти мамлакат, Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам, қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ", «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», бақайдгирии 4 ҳазор иттиҳодияи динӣ, яъне масҷидҳо ва ташкили сафари дастҷамъонаи шаҳрвандон ба ҳаҷ ва умра аз ҷумлаи иқдомоти дар ин самт амалигардида мебошанд. Имрӯз дар Тоҷикистон ба 2000 нафар шаҳрванд як масҷид рост меояд, дар ҳоле ки ин нишондиҳанда дар кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 3-3,5 ҳазор ва дар дигар кишварҳои мутараққии ҷаҳон 5-5,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳамзамон бо ин, дар кишвар як ҷамоатхонаи исмоилӣ, ду кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои исмоилӣ ва 67 ташкилоти динии ғайриисломӣ фаъолияти озодона доранд.

***

Давлати Тоҷикистон нисбат ба ҳамаи динҳо назари нек дошта, шароити созгори эътиқодиро барои пайравони онҳо таъмин кардааст ва хусусан, барои рушди дини мубини ислом, ки 99 фоизи сокинони кишвар эътиқодманди он мебошанд, на фақат шароити мусоид муҳайё кардааст, балки ба арзишҳои созандаву инсонпарваронаи он арҷ мегузорад.

***

Пайравӣ аз ойини аҷдодиамон – мазҳаби ҳанафӣ яке аз воситаҳои муассири аз таҳдиду хатарҳо ҳимоя кардани фазои мафкуравии ҷомеаи мо дар шароити муосир мебошад.

Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Исмоили Бухорой дар шароити вазнини бухрони «илми ҳадис» аз байни садҳо нафар донандагони маъруфи ҳадисҳои набавӣ

с. 3-4

# ИҚТИБОСҲО

## АЗ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОН, НАМОЯНДАГОНИ ҶОМЕА ВА ХОДИМОНИ ДИНИ КИШВАР, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 9-уми марти соли 2024



ба тоза кардани онҳо камар баста, аз миёни садҳо ҳазор ҳадиси бофта 7 ҳазору 250 ҳадиси саҳеҳро бо коркарди усули илмӣ, мантиқӣ ва таърихӣ ба олами ислом пешниҳод кардааст. Илми ҷаҳонӣ ва кулли мусулмонони олам «Ҷомеъ-ус-саҳеҳ»-и Имом Бухориро саҳеҳтарин китоб баъди Китоби Худо, яъне Қуръони карим медонанд.

***

Тамоми донишмандону бузургони миллати мо, аз қабили устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиву Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёниву Абӯалӣ ибни Сино, Мавлоно Ҷалолиддини Балхиву Шайх Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозиву Камоли Хуҷандӣ, Мирзо Абдулқодири Бедилу Аҳмади Дониш ва устод Садриддин Айнӣ тавассути маърифату худшиносӣ дарк кардани муаммои дунёву охиратро талкин мекарданд. Бинобар ин, мардуми Тоҷикистон, хусусан, ҷавонону наврасон, ки худро мусулмон ва пайрави мазҳаби аҳлгарои ҳанафӣ меҳисобанд, ҳуқуқи маънавӣ доранд, ки аз меросбари шахсиятҳои оламшумули илмию ахлоқӣ будани хеш ифтихор кунанд.

***

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди муносибати неки давлат нисбат ба ҳамаи дину мазҳабҳо, бахусус, нисбат ба дини мубини ислом, солҳои охир зуҳуроти норохатсозандаву нигаронкунандаи таассубу хурофот, тафриқаандозиву ифротгароии динӣ ва дар ин замина риоя нагардидани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда афзоиш ёфта истодааст. Ин дар ҳолест, ки тибқи андешаву назари донишмандони маъруфи улуми исломӣ хурофоту таассуб ва ифротгароии динӣ бо таълимоти инсонпарваронаи дини ислом робитае надорад. Душманони дини мубини ислом барои коштани тухми нифоқу бадбинӣ, эҷоди ҳисси исломситезӣ, тафриқаи мазҳабӣ дар байни уммати мусулмон ва расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ, ки яке аз онҳо даст ёфтан ба боигариҳои фаровони кишварҳо мебошад, ифротгароии диниро бо ҳар роҳу восита пуштибонӣ ва маблағгузорӣ мекунанд.

***

Сиёсикунонии дин як раванди сунъӣ буда, дар таълимоти ислом ҷойгоҳе надорад. Зеро дини ислом аз оғози пайдоиши худ сиёсӣ набуд ва сарҳати таълимоти онро нахуст хондану омӯхтан, сипас имон овардан ба Худо ва шинохти ягонагии ӯ ташкил медиҳаду халос.

***

Беш аз 150 ҳазор нафар куштаушудагон, як миллион гурезаҳои иҷборӣ, зиёда аз 50 ҳазор кӯдакони ятим, миллионҳо нафар одамоне, ки азизони худро аз даст доданд ва миллиардҳо сомонӣ зарари иқтисодии он рӯзҳо ҳанӯз аз хотираи мардум нарафтаанд ва дар иқтисодиёту зиндагии мо имрӯз низ эҳсос мешаванд. Яъне вақти он расидааст, ки мо бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлубу хатарнок, аз ҷумла ифротгароиву терроризм сарҷамъона мубориза барем ва дар кишвар волоияти қонунро таъмин намоем.

Худатон мулоҳиза кунед, ки дар замони шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 34 масҷид, аз ҷумла 17 масҷиди ҷомеъ, 15 калисо ва 2 куништ фаъолият дошт. На ҳаҷ буд, на ҳоҷӣ буд, на умра буд, на донишкадаи исломӣ ва на шумораи зиёди масҷидҳои панҷвақтаю ҷумъахонӣ. Вале бо вуҷуди чунин маҳдудиятҳои қатъии он замон на ифротӣ буд, на террористи динӣ ва на фитнаву дасисаи динӣ. Имрӯз дар Тоҷикистон 4 ҳазор масҷид, Донишкадаи исломӣ, ниҳодҳои диншиносии илмӣ, беш аз 250 ҳазор нафар ҳоҷиён, бештар аз 400 ҳазор умракардагон ва ҳазорҳо нафар ходимони дин – дастпарварони муассисаҳои таҳсилоти динии хориҷиву ватанӣ дар фазои озодиҳои истиқлол тарбия ёфтаанд.

***

Ҳарчанд ки дар кишвар бо қарорҳои Суди Олӣ фаъолияти 28 ташкилоти экстремистиву террористӣ манъ шудааст, вале ҳолатҳои шомил шудан ба чунин ҳизбу ҳаракатҳо ҳанӯз ба назар мерасанд.

Дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла 86 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст.

Дар ин давра бар асари ташвиқоти густурдаи экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани шаҳрвандон шомилшавии ҷавонон ба ташкилоти экстремистиву террористии «Давлати исломӣ» ва дигар гурӯҳҳои террористӣ, сафарбар гардидани онҳо ба минтақаҳои даргир афзуда, нигарониҳои ҷиддии ҷомеаро ба миён овард.

***

Солҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ иснод оварда истодааст. Тибқи маълумоти мавҷуда дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ даст задаанд. Ҳол он, ки худкушӣ на ҷиҳод, балки гуноҳи азим ва хилофи таълимоту талаботи дини мубини ислом мебошад. Дар сураи «Бақара»-и Қуръони маҷид, ояти 95-ум омадааст, ки «хештанро бо дастҳои худ ба (вартаи) ҳалокат наафканед». Ин амалҳо аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатҷӯӣ ва хадамоти махсуси баъзе кишварҳо тарҳрезӣ мешаванд ва онҳо аз бемаърифативу бетаҷрибагӣ ва ноогоҳии баъзе ҷавонони мо истифода мекунанд.

***

Ҷавонон бояд дарк намоянд, ки гароидан ба гурӯҳҳои тундрав, даст задан ба амалҳои террористӣ ва бадном кардани давлату миллат оқибатҳои ногувор дорад. Онҳо бояд дар зиндагӣ роҳи дурустро интихоб кунанд, рафтору кирдорашонро ба манфиати худ, оила, давлат ва ҷомеа ба роҳ монда, бо истифода аз фазои сулҳу оромии кишвар ва имкониятҳои фароҳамовардаи давлат ба касбомӯзӣ ва аз худ намудани илму дониш машғул шаванд.

***

Дар давраи аз соли 2020 то соли 2023 дар кишвар 680 ҳолати ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифтани 5000 нафар таълимгиранда ошкор карда шудааст. Танҳо соли 2023-юм 300 ҳолати таълими ғайриқонунии динӣ ошкор ва ҷалби беш аз 4100 нафар пешгирӣ карда шудааст, ки аз вусъати раванди мағзшӯии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дарак медиҳад. Дар ин давра аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 520 нафар ходимони дин барои чунин қонуншиканиҳо ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд. Ин дар ҳолест, ки дар даҳ соли охир аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 1320 ҷинояти монеъ шудани волидайн ба гирифтани таҳсилоти миёнаи асосии фарзандон ошкор гардидааст.

***

Дар даврони соҳибистиқлолӣ тибқи роҳхати мақомоти дахлдори давлатӣ садҳо нафар шаҳрвандони мо ба муассисаҳои таълими динии кишварҳои хориҷӣ фиристода шудаанд. Бо вуҷуди ин, 4 ҳазору 150 нафар шаҳрвандон бар хилофи тартиби муқарраршуда ба кишварҳои хориҷӣ сафар намуда, ба муассисаҳои таълими динӣ ба таври ғайрирасмӣ шомил шудаанд. Ин дар ҳолест, ки санади хатми таҳсил ё дипломи онҳо дар Тоҷикистон эътибор надорад.

***

Таълими ғайриқонунии динӣ боиси даст задан ба авомфиребӣ, фолбинию ҷодугарӣ, дигар кирдорҳои ношоиста, ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти хусусии тиббӣ ва дар ин замина расонидани зарари моддӣ ва ҷисмонӣ ба шаҳрвандон низ мегардад.

***

Қабули Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар танзими рӯзгори мардум, аз байн бурдани хурофотпарастӣ, расму ойинҳои сунъӣ ва серхарҷ иқдоми муҳим махсуб мешавад. Қонуни мазкур бо такя ба аҳкоми шариат, маслиҳат ва машварати уламои маъруфи кишвар қабул шуда, ходимони дин бояд дар татбиқи он баробари мақомоти давлатӣ саҳм гузоранд. Вале бояд гуфт, ки ҳолатҳои риоя нагардидани тартиби гузаронидани ҷашну маъракаҳо, бахусус, маросими манъшудаи динӣ то ҳанӯз аз байн нарафтаанд. Танҳо дар давраи солҳои 2014-2023 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур 5 620 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст.

Ҳамзамон бо ин, таъкид месозам, ки ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи кишвар дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» низ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Аз соли 2016 то имрӯз барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур 19 ҳазору 480 нафар, аз ҷумла 1170 нафар омӯзгорон ва 18 ҳазору 310 нафар падару модарон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

Боиси ташвиш аст, ки вайронкунии талаботи қонунҳои миллии зикршуда бештар аз ҷониби баъзе хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорон, ходимони дин, фарзандон ва хешу табори онҳо содир мегардад.

Бинобар ин, мувофиқи мақсад меҳисобам, ки бо дарназардошти таҷрибаи дар ин самт андӯхташуда қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар таҳрири нави ҷавобгӯ ба талаботи замон қабул карда шавад.

***

Дар даврони то соҳибистиқлол шудани кишвар аз 5 миллион аҳолии Тоҷикистон ҳамагӣ 29 нафар маросими ҳаҷро анҷом дода буд. Аммо дар замони соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди он, ки мо дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба мушкилоти сахту сангини иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардидем ва таъсири манфии онро то имрӯз дар ҳаёти худ эҳсос мекунем, раванди ба ҳаҷ рафтани шаҳрвандон тамоюли зиёдшавӣ касб намуд. Танҳо соли 2023-юм 63 ҳазор нафар шаҳрвандони кишвар маросими ҳаҷ ва умраро адо кардаанд ва маблағи ба ҳисоби миёна харҷнамудаи онҳо ба беш аз 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ баробар шудааст. Маблағи барои ҳаҷ сарфкардаи шаҳрвандони мо дар замони соҳибистиқлолӣ қариб 12 миллиард сомониро ташкил додааст, ки дар шароити имрӯза, яъне дар замоне, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон раванди манфии пастравии иқтисодиёт мушоҳида мегардад ва дар қариб 80 кишвари дунё мардум аз нарасидани ғизо ва гуруснагӣ азият мекашанд, барои кишвари мо маблағи хеле калон ба ҳисоб меравад. Агар маблағи мазкур барои бунёди манзили истиқоматӣ, беҳтар кардани шароити зисту таҳсили фарзандон, таъмини ғизои босифат, сару либос ва ашёи хониш, инчунин, дастгирии ниёзмандон ё корҳои ободонӣ сарф мегардид, шароити зисти чӣ қадар оилаҳо беҳтар мешуд.

***

Хотирнишон месозам, ки мо зидди рафтани мардумамон барои адои ҳаҷ нестем, аммо таъкид месозам, ки ин раванд набояд хусусияти таассубу тақлид ва мусобиқаро касб намояд, чунон ки имрӯзҳо дар мо ҳаст. Зеро мо бояд аввал шароити зиндагии худ ва фарзандонамонро беҳтар намоем, аҳволи ҳамсояи чапу ростро пурсем, хешу табори ниёзмандамонро дастгирӣ намоем ва баъд нияти зиёрати хонаи Худо кунем.

***

Фаромӯш набояд кард, ки шӯҳратталабиву намоишкорӣ ва худро аз дигарон боло гузоштан на ба Худо хуш меояду на ба бандаҳои Худо! Баъди аз ҳаҷ баргаштан тағйирот дар сару либос, карру фар дар рафтор, оростани маъракаҳои ҳоҷизиёрат, ҳоҷиталбону ҳоҷибинон, ана дар ҳамин аст, тафриқаандозӣ, намоишкорӣ, худро дар ҷомеа фарқкунанда нишон додан, ки гӯё аз дигарон бартарӣ дорам, яъне шӯҳратталабӣ дида мешавад. Ҳол он, ки дар ҳадис омадааст: «Худованд ба суратҳои шумо ва дороиҳои шумо нигоҳ намекунад, лекин Худованд ба дилҳои шумо ва кирдорҳои шумо менигарад».

***

Шариати ислом ҳаҷро ба шарти муайян як маротиба воҷиб гардонидааст! Зеро Паёмбари ислом низ як маротиба ҳаҷ кардаанд. Дар хусуси умра ҳаминро бояд гуфт, ки умра фарз нест ва адокунандаи умра ҳоҷӣ нест, зеро бо адои умра адои ҳаҷ, яъне ҳаҷҷи фарзӣ аз гардани шахс соқит намегардад. Бори дигар таъкидан баён медорам, ки умра ба кас мартабаи ҳоҷӣ намедиҳад, ин баробар ба адои намоз аст, зеро дар баробари намоз як рукни ислом аст, тав-

# ИҚТИБОСҲО

## АЗ СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО ФАЪОЛОН, НАМОЯНДАГОНИ ҶОМЕА ВА ХОДИМОНИ ДИНИ КИШВАР, ШАҲРИ ДУШАНБЕ, 9-уми марти соли 2024

ре, ки мегӯянд: Аҳмад рафт Маккаву Мадина, омад ҳамон Аҳмади порина! Шох набаровардааст. Савобро барои худаш гирифтааст.

***

Адои умра ба шахс танҳо савоб меораду халос ва муъмин метавонад дар ватани худ савоби аз он ҳам бештарро бо амалҳои некаш пайдо намояд. Магар дуруст аст, ки бародар, хоҳар, фарзандон ё ҳамсояву ҳамдеҳаи мо гурусна бошанду мо маблағи зиёдро сарф намуда, ба хонаи Худо равем? Ва ё дар манзили мо шароити мусоид барои фарзандон нест, дар хона фарзандони ноболиғ дорем ва ҳанӯз вазифаҳои падарию модариро иҷро накардаем, вале рӯ ба хонаи Худо мекунем. Чунин ҳолатҳо дар кишвари мо кам нестанд.

***

Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад. Инро дар мисоли чандин кишварҳои ҷаҳон дар шароити имрӯза низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, мардуми мо бояд огоҳ бошанд ва фирефтаи тарғиботи душманони дину ойин ва миллату мазҳаби худ нашаванд.

Мо мардуми Тоҷикистон ҳамеша дар мазҳаби муътадил ва таҳаммулгарои Имом Абӯҳанифа будем ва намегузорем, ки дар байни мардуми кишвар бо истифода аз эҳсосоти динӣ фикру андешаҳои радикалии динӣ ва экстремистӣ паҳн гарданд. Дар робита ба ин, як андешаи худро, ки борҳо гуфтаам, бори дигар хотирнишон менамоям: хурофот хатарест, ки ба имрӯзу ояндаи Тоҷикистон ва минтақа таҳдиди ҷиддӣ дорад. Борҳо гуфтаам, имрӯз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад.

***

Бегонапарастӣ дар сару либос, яъне пӯшидани либоси бегона бо номҳои сохтаи сатру ҳиҷоб дигар масъалаи мубрам барои ҷомеаи мо мебошад. Бегонашавии одоб ва расму ойини либоспӯшӣ – бегонашавии фарҳангист, ки истиқлоли фикрӣ, ҳувияти миллӣ ва фарҳангии миллатро халалдор месозад.

***

Ходимони дин метавонанд ва вазифадоранд, ки дар ислоҳи маънавиёти ҷомеа, пешгирӣ кардани бадахлоқиву ҷинояткорӣ, вайроншавии оилаҳои ҷавон, таъмини риояи Қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим, пешгирии ифротишавии ҷавонон, таълимоти ғайриқонунии динӣ ва дар шароити ниҳоят мураккабу буҳронии имрӯза барои гирифтани пеши роҳи ифротгароӣ қарзи имонӣ ва рисолати шаҳрвандии худро иҷро намоянд. Кор дар ин самт бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки барои ифротӣ шудани як нафар ҳама эҳсоси масъулият дошта бошанд, аз раиси шаҳру ноҳия сар карда, то раиси ҷамоату маҳалла, ходими дин ва волидайну омӯзгорон дар назди қонун ва ҷомеа эҳсоси ҷавобгарӣ намоянд.

***

Мо бояд ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки танҳо кадрҳои замони нав, яъне мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир метавонанд Ватан ва давлатро соҳибӣ кунанд, обод созанд, тараққиёти давлатро таъмин намоянд ва ҷомеаро пеш баранд. Дар ҳазораи сеюм танҳо давлату миллатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки илму дониши пешрафта ва техникаву технологияҳои замонавӣ дошта бошанд. Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем ва дар назди наслҳои имрӯзу оянда, барои тақдири Ватан, давлат ва миллат масъулият дорем, ки рӯ ба мактабу маориф оварем, барои фарзандонамон шароит муҳайё кунем, ки бесавод намонанд, илму дониш омӯзанд ва касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ намоянд. Ин вазифаи ҷонии падару модарони азиз, аҳли маориф, роҳбарони тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, зиёиён, фаъолон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли ҷомеа, аз ҷумла ходимони дин мебошад.

***

Мо бояд иттиҳоду ҳамбастагӣ, сулҳу суботи ҷомеа ва ваҳдати миллиамонро, ки ҷавшани миллии мо дар муқобили хатарҳои замони муосир мебошанд, чун гавҳараки чашм ҳифз кунем, зеро қудрати мо дар иттиҳоду сарҷамъӣ, ватандӯстӣ ва заҳмати содиқонаи мо ба хотири ободии Ватан ва рушди давлатамон аст.

# ТАМАННИЁТИ РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Ҳар яки шуморо аз номи Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни Наврӯзи оламафрӯз, ки бо ташаббуси Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии сарони кишварҳои Наврӯзро ҷашнгиранда аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалиро касб намуда буд, сидқан табрику таҳният гуфта, ба ҳар кадоматон тансиҳатӣ, хушбахтӣ ва рӯзгори босаодатро орзу менамоем.

Ҷашни Наврӯз, ки бо барбар гаштани рӯзу шаб (21-уми март) фаро мерасад, на танҳо ҷашну шодмонӣ, балки мояи ифтихору сарфарозӣ ва муаррифгари таъриху фарҳанги бузурги миллати тоҷик дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Ин ҷашн дар таърихи халқи куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик ва умуман халқҳои ориёинажод мақому манзалати хоса дошта, дар тули таърихи чандинҳазорсолаи миллатамон такомул ёфтааст.




Наврӯз дар ҷаҳонбинии ниёгони мо воқеан ҳам таҷассуми пирӯзии нур бар зулмот, гармӣ бар сардӣ ва хубӣ бар бадӣ мебошад. Ва табиист, ки чунин суннати пурарзиши табиӣ ва инсондӯстонаву хайрхоҳона ба ҳеҷ гуна маҳдудият тобеъ намегардад. Наврӯз ҷашни зироаткорӣ, фарҳанги баланди созандагии инсон ва табиат аст. Олимону муҳаққиқони забардаст Наврӯзро ҳамчун ҷашни тавҳид, ягонагии инсон ва созандагӣ эътироф кардаанд, ки он ба ягон дину мазҳаб робита надорад. Наврӯз ҳамчун бузургтарин оини мардумӣ ҳанӯз аз оғози пайдоиши он то ба имрӯз, ки таърихи беш аз шаш ҳазор солро дар бар мегирад, ҳамчун рамзи сари сол, яъне баробаршавии шабу рӯз, эҳёи табиат, оғози мавсими кишту кор, ибтидои корҳои саҳроӣ ва фаъолияти кишоварзон ҷашн гирифта мешавад.

Фалсафаи Наврӯз ин оғози ҳаёти нав, рӯзи нав, руҳияи наву тоза, зиндашавии табиат ва оғози мавсими киштукори нав мебошад. Тибқи ривоёти таърихӣ, Куруши Кабир Наврӯзро ҷашни миллӣ эълон карда, ба поксозии макони ҷамъиятӣ, манзил ва бахшиши маҳкумон иқдом менамуд. То имрӯз дар арафаи Наврӯз анъанаи «хонатаконӣ» боқӣ мондааст, ки он дорои аҳамияти экологӣ ва озодагӣ мебошад.

Наврӯз ҷашнест, ки зиндагиву рӯшноӣ, некиву накукорӣ, сулҳу созандагиро меситояд ва мақоми инсонро гиромӣ медорад.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ иброз доштанд ки: “Ҷашни Наврӯз барои мо-тоҷикон, ки меросбарони мустақими тамаддуни бостонии ориёӣ мебошем, аз қадим то имрӯз падидаи бисёр қавии ҳувиятсоз, яке аз рукнҳои муҳимми худшиносиву худогоҳӣ, унсури ҷудоинопазири фарҳанги миллӣ ва ҷузъи барҷастаи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ба шумор меравад. Мантиқу фалсафа ва моҳияту ҳикмати Наврӯз аз донишу хирад, меҳру муҳаббат, сулҳу субот ва шодию нишот иборат буда, дар тули ҳазорсолаҳо барои мардуми мо ҳамчун омили ҳастисозу муттаҳидкунанда хизмат кардааст”.

Яъне асолати иҷтимоиву ахлоқии Наврӯз хеле бузург буда, он нишонаи пешрафти тафаккури бунёдкоронаи халқ мебошад, зеро Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳост.

Наврӯз на танҳо оғози кори марди деҳқон, балки шуруъ гардидани ҳама гуна ибтикороту ташаббусҳои созанда ба хотири боз ҳам ободу пешрафта гардонидани сарзамини аҷдодӣ, тозаву озода намудани манзили зист, сарсабзу гулпӯш кардани хиёбону майдонҳо дар тамоми қаламрави кишвар, аз ҷумла донишгоҳи азизамон мебошад.

Итминони комил дорем, ки шумо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон анъанаҳои неки созандагию бунёдкориро, ки хоси мардуми шарифи Тоҷикистон аст, идома дода, бо шинонидани гулу гулбуттаҳо ва дарахтони гуногуни сояафкан дар сабзу хуррам гардонидани ҳудуди донишгоҳ ва кӯчаю хиёбонҳои пойтахти кишварамон саҳми арзанда мегузоред.

Бо ҳамин нияту орзуҳои нек гуфтанием ки:

**Наврӯзатон пирӯз бод,**
**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**

## СУРАТГУЗОРИШ АЗ ҶАРАЁНИ БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ДОНИШГОҲ













# БАРХЕЗ БА ШУР ОЙ, БАҲОР ОМАДУ НАВРӮЗ!

Ҳама фаслҳои сол бо рангиниву махсусияти ба худ хосашон зебоянду мавқеи ҷойивазнашаванда доранд. Аммо миёни ин ҳама фасле, ки оғози ин ҳама фаслҳост ин баҳори фаррухпайи нозанин аст. Баҳоре, ки бо қудуми сабзрангу гулкораш ва бо омад-омади насими шукуфонафасаш ҳама рустаниву долу дарахтон аз нав гӯё зинда мегарданд. Пас аз сардиҳои фасли дай, пас аз карахтиҳои ношукуфоии ҳама рустанҳо ба якборагӣ ҳарорати дигаре пайдо мекунанду бо нафаси атромези сияҳгӯшу райҳону бойчечакаш ва саҳаргоҳон бо суруди дилнавози андалеби хушхонаш дари дунёи пур аз гулро дигарбора боз мекунад. Ин фасли биҳиштист, ки сароғозаш нахуст ҷонро менавозад, баъдан канораш будану эҳсосаш намудан ақлу танро ба рақс меоварад. Чӣ аҷиб аст ин фасли эҳёгари зиндагию табиат. Гӯё замоне ҷаҳон биҳиштӣ мегардад. Хуршед низ таҷҷалии нурпошиҳои бемонанди худро баякборагӣ нисори башарият менамояд. Эй хушо бо баҳор будану баҳорӣ кардан.

Дар баҳор, ки ҳама покӣ, ҳама некӣ ва ҳама зебоиро подош дораду ҳама сабзкориҳову гулкориҳо ва селборонҳои шустагараш хосияти тозагаштанҳост бар дунёи инсону табиат, мебояд шодона зиндагӣ кард дар ҳавои пурнакҳаташ ҷонро замоне аз ҳама побандбуданҳою ташвишҳои рӯзгор роҳат дод. Зеро ин ҳама фазилату хосияти баҳор бар мост раҳмати худовандию ҳикмат. Омӯхтанист баҳор бо ҳама рангкашиҳои устодияш, шукуфо кардани гулкориҳояш пурнакҳат кардани фазои атрогинаш баъди хазонгаштани орзую ормони аздастрафта, баъди номуродиҳову карахтиҳои дилшикан, баъди сардиҳои фасли дай. Меояд баҳор бо нафасҳои эҳёгараш расми аз нав рустану шукуфтан, шӯстани ғубору ғам аз рӯзгорро дарс меомӯзад бо зеболисандию зебооройяш бар мо инсонҳо. Мебояд омӯхт аз ин ҳикматҳои зебопарастиҳои ин фасли покӣ, ин фасли фархунда.

Ин фасли зеборо, ки дар дарозои таърих мардуми тамаддунпарвари тоҷик ва дигар мардумони ориёинажод бо як ихлоси самимию ойини поки аҷдодӣ истиқбол мекарданду арҷ мегузоштанд. Ҳамасола бо барпо кардани ҷашну тантанаҳо давоми як моҳ таҷлил менамуданд. Бо ин хосиятҳои наҷиб ва дигар қудратҳои сабзгунааш ҳама мардумони рӯи олам ин фаслро дӯст медоранд. Омадани ин фасли накуро интизорӣ мекашанд. Бо шодию хуррамӣ ҷашни барпонамудаашонро дар гузашта унвон додаанд — Наврӯз. Яъне рӯзи нав, тоза ва рӯзҳои офтобӣ. Бо гузашти асру замон суннатҳои неки ин ҷашн хушбахтона, то бар замони мо омада расидааст, то кунун дар ин ҷашни байналмилалӣ аз он риоя мегардад. Ҷойи зикр аст бигӯем, ки бо эълон гардидани ҷашни байналмилалии Баҳор-Наврӯз расму суннатҳои ниёгони мо низ зиндатар гардида ривоҷ ёфтаанд. Ҳамакнун ҳамасола дар ҷашнгирии он аз ин расму ойину суннатҳо риоя менамоянд мардумони ихлосманди баҳору наврӯз. Анъанаҳои дерине, ки баҳору наврӯзӣ аз онҳо оғоз меёбад инҳо мебошанд:

**ХОНАБАРОРОН-**бо фаропасидани ҷашни Баҳору Наврӯз одамон ба тамиз кардани хонаҳояшон оғоз менамоянд. Ҳама курпачаю палосҳояшонро аз чангу ғубор таконида тоза менамуданд ва дар рӯзҳои офтобӣ бо ҳама лавозимоти рӯзгори худ дар офтоб мегузоранд. Зарфҳои шикаста ва кӯҳнаро мепартоянд. Бо нияти ба соли нав расидан шукрона гуфта, хонаву дари худро сафед намуда тозаю озода нигоҳ медоранд. Зеро ба ақидаи мардум бо тозагӣ пешвоз гирифтани баҳор дар рӯзгори онҳо соли беғамию осудагӣ ва серию арзонӣ меомада бошад. Бо хушнудӣ либосҳои навро бар тан мекунанд, ки ҳамон солро бо хушу хурсандӣ гузаронанд.

**ГУЛГАРДОНӢ**. Омадани фасли баҳор пеш аз ҳама, бачагони хурдсол ва ҷавононро бениҳоят хурсанд мегардонад. Онҳо бо фарорасии ин ҷашн дар рӯзҳои офтобӣ ба дашту теппаҳо сафар намуда муждаи омадани баҳорро ба мардум мерасонанд. Аз рӯидани аввалин пайки баҳор гули хушбӯйи наврӯзӣ бойчечаку сиёҳгӯш шод гардида ҳамчун ҳадя онҳоро чида анъанаи дерини гулгардониро бо сурудхонӣ иҷро менамоянд. Гулҳоро чида дар даст хона ба хона гашта, омадани баҳорро ба мардум мужда расонида аз ҷониби хонадор шириниҳо ҳадя мегиранд.

**ФОЛГИРӢ**. Бо сабзонидани 12 навъи ғалладона аз қабили: нахуд, зағир, наск, мош, ғалладона ва дигар навъи онҳо фол мегирифтанд, ки имсол кадом намуди ин ғалладонагиҳо ҳосили хубу манфиатнок ба бор меорад. Ва аз тарзи сабзиши онҳо медиданд, ки дар кишоварзӣ соли фаровонӣ меояд ё камҳосил.

**ЧАҲОРШАНБЕСУРӢ**. Яке аз ойини дигари маросимҳои наврӯзӣ чаҳоршанбесурӣ ба шумор меравад, ки дар ҳафтаи охирини фасли зимистон ҳамчун пешвози иди баҳор гузаронида мешавад. Дар майдонҳои васеъ ва ё чорроҳаҳои фарох гулханҳои хурду калон омода карда, мардумон бо навбат аз рӯи ин гулханҳои фурӯзон аз ин тараф ба дигар тараф меҷаҳанд. Бо умеди сафедӣ дар корҳояшон ва рӯсурхии бобарории зиндагию рӯзгорашон ин ибораро ҳангоми ҷаҳидан такрор мекунанд: ”Ранҷурию ранги зарди манро бигир, сурхию хуррамии ту аз они ман, эй гулхани фурӯзон”.

с. 6

# БАРХЕЗ БА ШУР ОЙ, БАҲОР ОМАДУ НАВРӮЗ!

(Аввалаш дар сах. 5)

**СУМАНАКПАЗӢ**-маросимест, ки аксаран дар он занону духтарон иштирок менамоянд. Барои омода гардидани суманакпазӣ як ҳафта камтар гандумро шӯста ба зарфе мегузоранд ва ҳар рӯз каме бар он об мепошанд. Дар ин муддат гандум неш зада камтар сабзиш мекунад. Баъдан онро занону духтарон майда карда дар зарфе гузошта шираашро ҷудо менамоянд. Ин шираро ба дока полонида ба даруни дег мерезанд. Дар ин дег оташ даргиронида занону духтарон ба сурудхонӣ машғул гардида, шираи дар дег бударо бо навбат мекобанд то насӯзад. Ва дар навбати худ ҳангоми кофтани дег орзу мекунанд, ки бар ин баҳор расидем, кош то баҳори дигар ҳамин тавр хуш бошему зиндагиямон пур аз ширинихо бошад. То омода гардидани ин ширинии баҳорӣ, ки рамзи эҳёи табиат, зебоию осоиштагии зиндагӣ маҳсуб меёбад, шодию сурудхонӣ намуда баҳорро пешвоз мегиранд.



Чуноне мебинем баҳор ҳусни зиндагонӣ, нишотовартарин ҷашнест, ки бо омадани худ дар рӯзгори мардумон бо ойину суннату анъанаҳои некаш тантанаи осоиштагӣ, зебоӣ, хуррамию болидарӯҳиро пешкаш менамояд. Аз ин ҷост, ки аҳли башар ин фасли шукуфоро фасли оғози сол номида омаданашро бо интизориҳо пешвоз мегиранду тули як моҳ бо тантанаҳои шодиёна васфаш менамоянд.

Воқеан, фазилату баракати ин фасли сар то пой гулу нур беандозааст. Васфу ситоишаш аз назари ҳеҷ шоиру нависанда, рассоми мунаққаш, меъмори чирадаст ва дигар соҳибони ҳунарҳои эҷод канор нарафта, рӯи офаридаҳои ҳунари офарандагиашон ҷило медиҳад. Нақшу ҷилои ин ҳунари офарандагист, ки ҳар сатру ҳар ҷойи зиндагии мо инсонҳоро пур аз баҳор мегардонад. Ин он маъноро меофарад, ки офарандаи ҳаёту зиндагӣ ин баҳори нозанин аст. Мебояд бо расидани ин фасли гулрез, ки бо қадами сабзу мубораकаш инак, кишвари моро дар канор дорад, шукрона кунем, бо қалби поку чеҳраи офтобӣ истиқболаш бигирем ва ҳамагӣ аз ойинҳои поки наврӯзӣ истифода кунем. Ҳама чангу ғубори қалбҳоро пок кунем, кинаҳоро аз байн бубарем, дасти дӯстӣ сӯи ҳам дароз кунем, ошноиҳоро поядатар гардонему равонҳоро тавон бубахшем, ҷонҳоямонро сафо бизанем аз фазои пурнакҳати атрогинаш, зебонигоҳ, меҳргаро, зебопарастӣ кунем, нигоҳдорандаи сулҳу субот, оромию хушбахтиҳои рӯзгорамон бигардем.

**У. РИЗВОНОВА,**
**муаллими кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи ДТТ**

# ЗЕББАХШИ РӮЗГОРИ МО




Боиси қаноатмандӣ ва шукргузорист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробарии занону мардонро дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон абадан эҳё намуда, шароити зарурииро барои иҷрои рисолати шаҳрвандии занону бонувон дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятию давлатӣ фароҳам овардааст. Ин нукта дар моддаи 17-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин баён гардидааст: Мардон ва занон баробарҳуқуқанд”.

Дар кишвари мо ҷиҳати ноил шудан ба баробарҳуқуқии воқеии мардон ва занон, инчунин бартараф намудани як қатор монеаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва афкори омма Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарии амалгардонии онҳо» аз 1-уми марти соли 2005 таҳти №89 қабул гардид, ки масъалаҳои таъмини кафолатҳои конститутсионӣ, баробарии ҳуқуқу имкониятҳои мардону занонро ба танзим медароранд. Бонувони мо ҷавобан ба ин ғамхориҳо дар пойдору устувор мондани сулҳу суботи комил ва ваҳдати кишвар бо меҳри хосаи худ, амну ободи нигоҳ доштани оила ва таълиму тарбияи насли ояндасоз бо камоли садоқату самимият талош варзида, дар руҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ, инсондӯстию ҳувияти баланди миллӣ тарбия намудани ҷавононро ба роҳ монда, ба ояндагон ҷомеаи навини демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва поку пурғановатро ба мерос мегузоранд.

То имрӯз садҳо барномаву стратегияҳои давлатӣ қубулу татбиқ гардидаанд, ки мақому манзалати занонро баланд бардошта, нақши онҳоро дар рушду инкишоф ва пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистони муяссар гардонидаанд. Татбиқи “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” ва нақшаи амалисозии он барои солҳои 2021-2025 ба занон ва духтарони тоҷик имкониятҳои васеътар фароҳам овардааст. Инҳо ва чандин санадҳои дигари қабулгардида, ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маърифатии оилаҳо, пешгирии хушунат нисбат ба занон, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии зинаҳои гуногуни давлатдорӣ, омода намудани кадрҳои болаёқату донишманд аз ҳисоби занону духтарони фаъол ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии онҳо мусоидат намуда истодаанд.

Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон нахустин кишварест, ки дар минтақа оид ба муқобилият ва пешгирии хушунат дар оила қонун қабул кард ва дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи кор бо занон ва оиларо бо мақсади назорат ва амалисозии барномаҳои мазкур таъсис додааст. Дар ҷумҳурӣ квотаҳои махсус амал менамоянд, ки ба занону духтарон дар самти маориф, квотаҳои президентӣ барои ба таълим фаро гирифтани духтарон аз ноҳияҳои дурдаст ва дастгирии ташаббусҳои соҳибкории занон равона гардидаанд. Дар натиҷаи андешидани чораҳои зарурӣ бонувони Тоҷикистон тавонистанд, ки имкониятҳои нави фаъолиятро дар соҳаҳои сиёсат, иқтисод, иҷтимоиёт ва илму фарҳанг ба даст оранд.

Аз ҷумла, аз ҳисоби занон вакилони мардумӣ дар парлумони кишвар, мақомоти судӣ ва қонунбарор, хизматчиёни давлатӣ ва соҳаҳои илму фарҳанг рӯ ба афзоиш доранд, ки аз боло рафтани мақоми бонувон дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳанд. Оре, имрӯз занони саодатманду сарбаланди тоҷик дар тамоми сохторҳои давлатӣ бо азми қавӣ ва сайъи комил муваффақона фаъолият мебаранд. Бонувони Тоҷикистон таҳти сарпарастӣ ва дастгириву роҳнамоии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дуруст истифода бурдани имкониятҳои фароҳамомада метавонанд ба қуллаҳои баландтар дар соҳаҳои зикргардида бирасанд. Матлаби хешро бо як байти устод Лоиқ Шералӣ, ки дар ситоиши бонувон, занону модарон гуфтааст, ба фарҷом мерасонам:

**Осмонро набувад он ҳама рафъат,**
**ки варост,**
**Гулу гулзори замин як гули**
**рухсори зан аст.**

**Гавҳар ҚУРБОНОВА,**
**мудири кабинети ТИМХ-и ФМТ**

# МОДАР ХУШБАХТИЮ САРҶАМЪИИ ХОНАДОН АСТ

Модар дар зиндагии ҳар инсон нафарест, ки бо будани худ зиндагии фарзандонашро офтобӣ мекунад ва ягона нафарест, ки то лаҳзае дар болои сари фарзандони хеш аст, онҳо ба зиндагии осудаҳолона ва оромишу меҳру муҳаббат бовар доранд.

Аҳли хонадон бо будани модар хушбахту пирӯзанд ва аз ҳастии модар манзили ободу сарҷамъии хонавода сарчашма мегирад.

Аз таҷрибаи зиндагӣ зиёд мешунавем, мехонем ва мебинем, ки чун модар аз сари фарзандон биравад, он хонавода парешон мегардад, дигар меҳру муҳаббат миёни фарзандон камтар мешавад, яъне модар, воқеан, сабаби ҳастии зиндагии мост, баҳонаи меҳру шафқат миёни бародару хоҳар хоҳад шуд.

Ривоят мекунанд, ки Офаридгор накҳат аз гул, нӯш аз ангубин, гармӣ аз офтоб, шукуҳ аз осмон, борон аз абр, равшанӣ аз субҳ, зебоӣ аз баҳору хушилҳомӣ аз андалебро қатра-қатра ҷамъ оварду ҷинси зан офарид, то ҳастии инсонияту дунёро бо равшанӣ биорояд. Марбут ба мавзуи модар шоирон ҳамеша шеър эҷод кардаанд:

**Модар, модар ту беҳтарин инсонӣ,**
**Шодӣ ба дилу ба хонадон эҳсонӣ.**
**Аз меҳру навозишат мунаввар олам,**
**Дар даҳр ҳамеша ҷовидон мемонӣ.**

Фикр мекунам, ки шеъри нахустини олам ана ҳамин аллаи дилнавози модар аст, ки фарзандашро бо зиндагӣ ошно мекунад. Фарзандашро ба сӯйи зиндагӣ ҳидоят менамояд. Дар лаби домонаш ӯро бузург мекунаду дуо мекунад, ки фарзандаш дарду доғеро дар зиндагӣ набинад.

Воқеан, модар ба фарзандонаш истеъдоди дӯст доштан, эҳтиром намуданро меомӯзад, модар агар босаводу бомуҳаббат бошад, ҳатман фарзанде дар доман мепарварад, ки дар оянда инсони бомаърифату бофарҳанг ба камол расида, дар ҷомеа ва дар рӯзгор нақши арзандаи хешро мегузорад ва дар айёми пирӣ асои волидони худ мегардад. Бахусус, фарзандоне, ки тарбияи хуби модарро мегиранд ва фарзандоне, ки модарро самимона дӯст медоранд, ҳамеша таманно мекунанд:

**Дер зӣ, эй модари фархундаам,**
**Васл кун бо ишқ тори кандаам.**
**Ман чи ҷойи ман, ки ҳатто обу гул,**
**Гӯядат: бар ҳурмати ту зиндаам.**

«Биҳишт зери қудуми модарон аст» - омадааст дар ҳадиси муборакi Ҳазрати Муҳаммад (с) ва бояд гуфт, ки дар ҳақиқат, вақте мо модар мегӯем, дар нигоҳамон як муҷассамаи ишқ, меҳру муҳаббат, садоқату саодат ва шафқат пайдо мегардад, диламонро ҳаяҷони руҳнавозе фаро мегирад.

Дар ин панҷ ҳарф чӣ қадар садоқату муҳаббат нуҳуфтааст ва ҳамеша пирони хирадманди мо гуфтаанд: «Ҳар нафаре, ки модар аз ӯ розӣ бошад, Худованд низ аз ӯ ҷовидона розист ва дар зиндагӣ ҳамеша корҳояш барор хоҳад гирифт».

Оре, меҳру муҳаббати модар ва шабзиндадориҳои модар моро зинда нигоҳ медорад, зеро модар ҳасту ҳаёти мо рӯшану пур аз таҷаллист. Кист дар ин олам, ки аллаи модарро нашунидаву аз шири ӯ баҳра нагирифта бошад?

Бузургии модар нахуст дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбияткунанда ва ба камол расонандаи фарзандони хештан мебошад.

Фарзанд дар домони модар, дар паҳлуи модар забони ширини ӯро ёд мегирад, ба таъриху фарҳанги миллату Ватан ошно мегардад:

**Кабки мастам, аллаё,**
**Зеби дастам, аллаё.**
**Шири ман ошат шавад,**
**Ширмастам, аллаё.**

Оре, давлату сарвати мо дар зиндагӣ модар аст, ҳеҷ дороие, ҳеҷ неъмате ба арзиши модар баробар намеояд, чун модар ганҷи ноёбу бебаҳоест, ки барои фарзандаш ҳамеша мунису меҳрубону мушфиқ аст.

Зан шоҳсутуни дунёст! Ҳамеша кӯшиш мекунад, ки фарзандашро аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва маънавӣ солим тарбия кунад.

Аз ин хотир, дӯст доштан ва эҳтирому арҷ гузоштан ба номи модар ва ба қадри меҳнату заҳмати ӯ расидан қарзи инсониву имонии ҳар як фарзанди баору номус худшиносу Худошинос мебошад.

Модар ситораи ҷилодиҳанда дар самои зиндагии ҳар яки мо буда, барои мо рӯшанӣ меоварад, нуру сафо мебахшад.

Хулоса, модар ба ҳазоруяк ситоишу навозиш сазовор аст, зеро фариштаи заминиест, ки аз домони поку шарифаш мо по ба домани ҳастӣ гузоштаем.

**Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,**
**Фатҳу кушоиш орад, дасти дуои модар.**

**Б. ШАМСОВА,**
**М. АСОЕВА**

# МОДАРИ ТОҶИК

**Дар қалби бузурги Модар ҷаҳон ҷой мегирад**
**Эмомалӣ Раҳмон**

Модари тоҷик – дар ҳаққи ин олиҳаи ҳусн, маҳзари покӣ ва ҳадяи илоҳӣ чӣ қадар донишмандон, адибону фарҳангсолорон нуктасанчонаю орифона сухан гуфтаанду мегӯянд. Оре, қудрату матонат, бузургиву тавоноии ӯ ҳамаро моту мабҳут кардааст. Ин мавҷуди заминӣ бо кайҳон ҳарф зада, барои хушбахтии фарзандон ба баҳри зиндагӣ фурӯ меравад, худро ба обу оташ мезанад, то мо маънии ҳаётро дарёбем. Зеро, Модар офаридаи муқаддаси илоҳист. Тамоми китобҳои арзишманди адабиёти ҷаҳон, комусномаи Википедияи ҷаҳонӣ, ё худ силсилаи китобҳои «Ҳаёти одамони начиб» қудрат ва тачаллои симои ӯро ба пуррагӣ инъикос накардаанд.

**ҚАҲРАМОН МОДАРОН, МОДАРИ ЗАРБДОРИ МЕҲНАТКАШАМОН**

Модари бузургонамон, модари донишманду табибамон, модари хунармандамон, пазандаву дузандамон, бинокору созандаамон, сарояндаву наттокамон, хиромон рақсандаву зиндагибахшанда, маҳфилорову мушкилкушо ҷумла мардумон буданд. Не, не, имрӯз ҳам хастанд! Зеро вақте ки муштариён ба пирӣ расиданашонро далел оварда дуо металабиданд, мегуфтанд: «Пирӣ нест, ин ҳаёт аст. Ин неъмат аст, ҳадяи илоҳист. Бояд ҳар як инсон бо имони комил умри дарозро ҳалолу покиза ба сар барад, ба фардо бовар бикунад. Агар инсон ҳар лаҳзаи умри худро қадр кунад, саодату баракоти ду ҷаҳон хоҳад ёфт. Каму беши ҳаётро бо руҳи болида пазируфта, чун неъмати бебаҳо дӯст бояд дошт».

Чунин сухангуии файласуфонаи модаронамон моро ба олами рушноӣ, ба ҷаҳони нур ҳидоят менамояд. Модаронамон - Зани моҳчеҳраи болобаланд, кабкрафтори мӯйдароз, шаҳлочашму абрукамон, хушлабу садафдандон, хушсуҳбат хастанд. «Ҳама баланду пастиҳои рӯзгор даргузар аст».

**Шири модар аз таровишҳои**
**хуни ҷигар аст,**
**3-ин сабаб кам модаронро сузиши**
**дил дигар аст.**

**МАЛҲАМБАХШИ ҶОНАМОН, МОДАРОН**

Ба чеҳраамон назар карда, олами ботинамонро мехонанд ва пасандозҳои худро дода, рӯзгорамонро обод менамоянд. Қиёфашиноси хушрӯзгор ва хазинадорамон, модари тоҷик мебошад.

Бо қудрату ҷасорат, зебоиву малоҳат, ақлу фаросат бахти худро дарёфта, баҳри комёбу хушбахт гардонидани мо фарзандон ҷаҳду талоши зиёд менамоянд. Ба умеди ситора гаштани пайвандон, бо нуги сӯзан заҳмат кашида, бо фарқи сар бор бардошта, заҳмати зиёд кашид, модари тоҷик!

**Панҷаи умеди ман, модар,**
**Хонаи умеди ман, модар**
**Ҳар дуоят раҳнамо гардид,**
**Ҳам шикасти ҳар бало гардид.**
**Мебарад дасти дуоҳоят,**
**Суйи фардо орзуҳоят,**
**Нур мерезад зи ҳар ангушт,**
**Болафшон меравам аргушт.**
**Чун садаф гар дастҳоят буд,**
**Гавҳарам, дар панҷаҳоят буд.**

**М. АБДУЛҲАҚОВА,**
**ассистенти кафедраи ТИМХ-и ФМТ,**
**куратори гурӯҳи академии курси**
**2-юми ихтисоси 1-54010105**

# РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ ШОМИЛШАВИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН БА ГУРӮҲҲОИ ТЕРРОРИСТИЮ ЭКСТРЕМИСТӢ

*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Ҳадафи мо аз тамоми тадбирҳои амалигардида ин аст, ки насли оянда, яъне фарзандони мо бесавод намонанд. Зеро яке аз сабабҳои асосии майл пайдо кардани одамон ба хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ маҳз бесаводист. Зуҳуроти номатлуб ва хатарноки зикршуда тафаккури мардум, хусусан, наврасону ҷавонони камтаҷрибаро захролуд карда, онҳоро ба ҷаҳолат мебаранд, зиндагии ҷомеаро тираву торик месозанд ва боиси қафомонии давлат аз роҳи пешрафт мегарданд».*

Экстремизм ва терроризм аз мафҳумҳоест, ки дар дунёи имрӯза вирди забони ҳама шудааст ва ин ду мафҳум ба ҳам пайваст мебошад. Экстремизм (тундравӣ, аз андоза гузаштан) ба терроризм меорад. Истилоҳи «терроризм» (аз калимаи лотинии «terror») маншаъ гирифта, маънояш «тарс ва ваҳм» аст. Террористон меҳоҳанд мақсаду мароми худро бо роҳи зӯроварӣ, куштор, тарсу ваҳм амалӣ созанд. Террор кардан ҷомеаро ба ҳолати тарсу ваҳшат ва ноумедӣ афкандан аст. Яке аз масъалаҳои ҷиддии замони муосир, ки хатари минтақавию байналмилалиро ба бор овардааст, афзудани раванди экстремизм, ифротгароӣ ва даҳшатафканӣ ба ҳисоб меравад ва амалан дар ҳамаи қитъаҳои ҷаҳон тамоюли паҳншавиро дорад. Аксаран ин амалҳо зери ниқоби шиорҳо ва арзишҳои динии бебунёд сурат мегиранд.

Бояд зикр кард, ки бархе аз ҷавонон зери таъсири омилҳои гуногун гирифтори гурӯҳҳои ифротиву террористӣ мегарданд ва бо тарғибу ташвиқи дурӯғин онҳоро ба доми хеш мекашанд. Гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ роҳу воситаҳои гуногунро ҷиҳати ҷалби ҷавонон истифода мекунанд. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, аксари ҷавонони дар муҳоҷират қарордошта дониши касбию ҳуқуқӣ ва таҷрибаи кофии рӯзгорро надошта, донишҳои динию дунявии онҳо сатҳӣ мебошанд. Намояндагони гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ дар навбати аввал бо чунин ҷавонон сару кор гирифта, тадриҷан бо тағйир додани тафаккуру эътиқоди онҳо зери ниқоби афзалиятҳои динӣ зоҳир мегарданд.

Як гурӯҳ муҳаққиқон, аз ҷумла, Л.А.Кононов ва А.В.Чеботарев иброз медоранд, ки паҳншавии ифротгароӣ дар миёни муҳоҷирон на танҳо барои кишвари муҳоҷирпазир, балки барои кишварҳои муҳоҷирон низ хатари зиёд дорад. Онҳо қайд менамоянд, ки барои кишвари муҳоҷирпазир хатари ифротгароии муҳоҷирон дар он аст, ки муносибати мардуми маҳаллӣ бо муҳоҷирон оҳиста-оҳиста мутташанниҷ гардида, ҳатто ба сафи ифротгароён ҷалб шудани аҳолии маҳаллӣ низ ба амал меояд, ки дар ба вуқуъ омадани амалҳои террористӣ оварда мерасонад.

Аммо барои кишварҳои муҳоҷирон хатари он зиёдтар аст. Баъд аз оне, ки муҳоҷирон ба ватан бармегарданд, бо тафаккури ифротии худ метавонанд ҷавонони дигарро захролуд намоянд. Инчунин, хавфи ба гурӯҳҳои террористӣ пайвастани муҳоҷирон ба вуҷуд меояд.

Омили дигаре, ки хавфи ба доми ифротгароён гирифтор шудани муҳоҷиронро зиёд менамояд, муҳоҷирати ғайриқонунӣ маҳсуб меёбад. Муҳоҷироне, ки барои буду бош дар давлати муҳоҷирпазир ҳуҷҷатҳои зарурӣ надоранд ва ё муҳлати истиқоматашон ба охир расидааст, аз кумаки нафароне истифода менамоянд, ки баъзе аз онҳо тундгаро ҳастанд. Тули солҳои охир ифротгароён ва тундгароён бештар бо чунин қишри муҳоҷирон тамаҷҷуҳ мекунанд ва онҳоро бо ваъдаи ҷойи кори бехавф таъмин намудан, ба сафи гурӯҳҳои худ ҷалб менамоянд.

Яке аз сарчашмаҳои дигари паҳн гардидани ақидаҳои ифротӣ дар миёни ҷавонон таҳсил дар хориҷи мамлакат ба ҳисоб меравад. Махсусан, баъди соли 2000-ум теъдоди ҷавононе, ки мехостанд дар давлатҳои исломӣ таҳсил намуда, маълумоти динӣ гиранд, хеле зиёд гардида буд. Баъзан ҷавонони тоҷик аз рӯйи шавқу ҳавас ва баъзан ба воситаи тавсияи руҳониёни кишвар ба давлатҳои хориҷӣ сафар намуда, бинобар сабаби маблағи кофӣ надоштан, ба мактабҳои шубҳанок ва барномаҳои таълимашон номаълум дохил мешаванд, ки дар он ҷойҳо онҳоро мағзшӯйӣ мекунанд.



Сабаби дигари паҳн гардидани ақидаҳои ифротгароӣ дар миёни ҷавонон сатҳи пасти донишҳои динию дунявии онҳо мебошад. Зеро осебпазирии ҷомеаҳои мусулмонӣ аз таъсири ифротгароии динию сиёсӣ ҷанбаҳои идеологию маърифатӣ дорад.

Ба таври гуногун шарҳу тафсир намудани таълимоти исломӣ ва ба шохаҳо ва мазҳабҳои гуногун ҷудо гардидани он, дар заминаи онҳо ба вуҷуд омадани ҷараёнҳои динию сиёсӣ, рушди ифротгароӣ ва тундгароиро ба миён меоранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд намудаанд: «Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд».

Қобили қайд аст, ки бо мақсади пешгирии экстремизм, терроризм ва иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм»-ро қабул намудааст, ки дар он мақсади қабули Қонун, мафҳуми терроризм, фаъолияти террористӣ, субъектҳои бевоситаи бо терроризм муборизабаранда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо муайян карда шудаанд.

**Бибихосият ШАМСОВА,**
**Аълочии маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи**
**медали Хизмати шоиста**

**Садбарг УСМОНОВА,**
**муаллими калони кафедраи**
**забонҳо, Аълочии маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# МУАЛЛИМ - ТАРБИЯТГАРИ ҶАМЪИЯТ ВА СОЗАНДАИ МИЛЛАТ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштанд, ки аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда шавад.**

Мусаллам аст, ки ҳар сол маоши кормандони ин ё он соҳаи кишвар баланд мешавад, аммо якбора 40 фоиз афзудан бори аввал аст. Ин гувоҳи он аст, ки иқтисодиёти мамлакат рӯ ба тараққӣ аст ва ҷасорати хоси роҳбарияти олии мамлакатро нишон медиҳад. Умеди сокинонро ба фардои зиндагӣ зиёд мекунад ва эътимоди ҳар касро ба оянди боз ҳам дурахшони Тоҷикистони азиз бештар мегардонад. Ҳамчунин дар ҳаҷми 30 дарсад андозаи нафақа зиёд шуд. Инчунин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар гардид. Ҳамаи ин натиҷаи сиёсати дурусти иқтисодии мамлакат, далели рушди бомароми устувори иқтисодиёти кишвар ба шумор меравад.

Дар Паёми навбатии Сардори давлат ба масъалаҳои иқтисод, иҷтимоиёт, саноат ва инноватсия, таъмин намудани аҳолии кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣ хушсифат, маориф, тандурустӣ, тоза нигаҳ доштани муҳити зист, ободонию кабудизоркунӣ, рушди сайёҳӣ, баланд бардоштани мақоми зан, саводу ҳунар таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Ёдовар бояд шуд Роҳбари давлат дар ҳар вохӯриву суҳбаташон дар бораи сифати таълим дар мактабҳои миёнаву олии кишвар ибрози андеша намуда, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии омӯзгоронро таъкид мекунанд, ки ин бехуда нест. Дар Паёми навбатӣ ҳам Сарвари давлат бори дигар таъкид намуданд: "Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд. Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад".

Рушди ҳама соҳаҳои муҳими ҳаёт аз иқтисоду иҷтимоиёт, фарҳангу тандурустӣ то ҳифзи марзу бум ва амну амният ба соҳаи маориф, ба тайёр кардани кадрҳои донову босаводу тахассуси баланддошта вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, мо омӯзгоронро зарур аст, ки сифати таълимро имрӯз аз дирӯз ва фардо аз имрӯз беҳтару хубтар намоем.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём соли 2024 -ро "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон карданд. Албатта, ин иқдом бесабаб нест. Зеро тавре дар моддаи 1, боби аввали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: "Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Барои амалӣ сохтани ин ҳадафҳо, пеш аз ҳама, бунёди ҷомеаи шаҳрвандиву ҳуқуқбунёд ва доштани маърифати баланди ҳуқуқӣ амри замон аст. Аз ин рӯ, дар ҳамин хошия ба ҳар роҳу восита боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ва рушду тараққии ҳаматарафаи шаҳрвандон, бахусус наврасону ҷавонон зарур аст, чунки аксарияти аҳолии мамлакатамонро ҷавонон ташкил медиҳанд ваояндаи давлату миллат маҳз ба ин табақа марбут аст.

Дар муассисаи мо – ДТТ дар хошияи Паём нақша-чорабиниҳо тартиб дода шуд, ки бештар ба "Соли маърифати ҳуқуқӣ" рабт дошта, марҳила ба марҳила амалӣ гардонида мешаванд.

**Мавлуда ХОЛИҚОВА,**
**Бибихосият ШАМСОВА,**
**муаллимони кафедраи забонҳои ДТТ**

# ЗАБОНОМӮЗИРО ТАҚВИЯТ МЕБОЯД

*Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушд бахшидан ба соҳаҳои ҳоҷагии халқ ба масоили маориф низ таваҷҷуҳи хос зоҳир карданд. Таъкид гардид, ки маориф ва илм аз соҳаҳои калидӣ маҳсуб ёфта, фардои босуботи давлат ва ҷомеа аз ҳар ҷиҳат ба пешрафту таҳаввулоти он вобастагӣ дорад.*

Президенти кишвар зикр намуданд, ки дар соли 2023 дар мамлакат 2,6 миллион нафар хонанда таҳсил дошт. Дар ин муддат мактабҳои зиёде сохта ба истифода дода шуд. Феълан вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баланд бардошта шавад.

Пешвои муаззами миллат, ҳамчунин, таъкид доштанд, ки омӯзиши илмҳои дақиқу табиӣ, риёзӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳанӯз ҳам ба талаби замон ҷавобгӯ нест. Ҳар як омӯзгор, пеш аз ҳама, фанни таълимии худро бояд мутобиқи талаботи барномаи таълимӣ донад, ба фанни худ меҳр дошта бошад, шогирдонро дӯст дораду ғамхор бошад. Дар дарсҳояш ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии шогирдон пайваста таваҷҷуҳ намояд.

Ҳар як мавзӯъро бо ҳаёти имрӯза ба таври алоқаманд омӯзонад ва дарсҳои худро бо истифода аз усули сода ба мураккаб ба роҳ монад. Дар он сурат, дарсҳои ӯ самарабахш гардида, наврасон донишҳои мушаххасро аз худ мекунанд.

Дар Паёми Сарвари давлат ба омӯзиши забони русӣ ва забонҳои дигари хориҷӣ диққати асосӣ зоҳир карда шуд. Дар замони муосир омӯзгори забони русӣ бояд, пеш аз ҳама, захираи луғавии шогирдонро ғанӣ гардонад. Имрӯз танҳо бо таълими грамматикаи забон машғул шудан самар намеорад. Аз ёд кардани матни манзуму мансур ба забономӯзии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Мо бояд дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ барои забондон шудани наврасон саъю талош намоем. Ин корҳоро дар омӯзиши забони модарӣ низ бояд ба роҳ монд, зеро бузургон гуфтаанд:

**Ҳар кас ба забони**
**худ сухандон гардад,**
**Омӯхтани сад забон**
**осон гардад.**

Дар мактаб бояд рӯзе ҳамчун «Рӯзи забони русӣ» эълон карда шавад ва хонандагон бояд бо ҳам ба забони русӣ сухан кунанд. Ҳамин гуна рӯзи забонро барои забони англисӣ ва ё немисӣ ҳам ҷорӣ бояд кард. Бачаҳоро барои такаллуму муошират кардан бо забонҳои хориҷӣ водор намудан лозим аст.

Мутолиа яке аз омилҳои асоситарини аз худ намудани забонҳои хориҷӣ мебошад, барои ин омӯзгор бояд китобҳои мутобиқи синну солро ба шогирдонаш тавсия бидиҳад ва дар атрофи мазмуну мухтавои китобҳои хондашуда баҳс ташкил намояд. Барои ин омӯзгор бояд дафтари махсуси қайдҳо дошта бошад ва ҷараёни китобхонии шогирдонашро ба низом дароварад. Дар мактаб маҳфилҳои адабиро ба забони русӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ ташкил намудан низ ба суди кор аст.

**Б. ШАМСОВА,**
**Аълочии маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон**

# АСРОРИ БАХТ

Ятиме аксеро, ки як сол пеш аз кӯча ёфта буд, доим зери болин нигоҳ медошт ва дар он гумон буд, ки ҳамин модараш аст. Мудири ятимхона рӯзе акси афтодаро аз бистари писарак дида, пурсид:

- Бачаҷон, ин сурати кист?
- Ин модари ман аст, бисёр зани хуб ва зебост, - табассумкунон ҷавоб дод ва илова кард: - Гурбаҳоро хеле дӯст медорад.

Мудир дарҳол он хонуми бефарзандро, ки қариб як сол пеш ба нияти фарзандгирӣ ба ятимхона омада буд, шинохт.

Баъди ним соат ҳамон бонуи дар аксбуда вориди коргоҳ шуд.

- Ана, ман ҳамаи ҳуҷҷатҳоро дуруст кардам.
- Кадом вақт мехоҳед ятимҳоро аз назар гузаронед?
- Падару модари вокеӣ фарзанди худро интихоб карда наметавонад. Ман ҳам мехоҳам модари вокеӣ бошам.
- Аммо ман медонам, ки шумо модари кӣ мешавед. Вай ятимбачаи 5-солаест, ки модараш дар вақти таваллуд аз ӯ рӯй гардонида буд. Агар шумо омода бошед, ҳозир ӯро меорам.

Баъди панҷ дақиқа мудир дасти ятимбачаро гирифта дохил шуд.

- Бачаҷон! Шинос шав, ин....

Модарҷоооон! – дод зад ятимбача ва ба сӯи он зан давид.

Ҳарду ҳам бо хумору меҳрубонӣ ҳамдигарро сахт оғӯш гирифтанд, гӯё ки солҳо боз чунин рӯзро интизор буданд ва медонистанд, ки он фаро мерасад.

# ЗАН ВА ТОҶИР

Зану марди камбизоате барои пешбурди зиндагонии фақиронаашон дар хона равғани маска омода мекарданд ва ҳамин, ки як кило мешуд, онро ба тоҷире мефурӯхтанд.

Рӯзе тоҷир ба як кило будани равғани маска шубҳа карда, онро баркашида дид, ки 900 грамм вазн дорад. Дафъаи дигар, вақте зан ба назди дӯкон меояд, тоҷир ғазаболуд ба ӯ мегӯяд:

-Минбаъд бо ту тиҷорат намекунам, маро фиреб додӣ. Равғани дирӯз аз ту гирифтаам на 1 кило, балки 900 грамм буд.

Зан хиҷолатмандона мегӯяд:

-Ҷаноб маро санг назанед. Ман аз дӯкони шумо як кило шакар харида будам ва равғанро бо он баробарвазн карда, ба шумо меовардам. Охир, ман аз куҷо медонистам, ки шакари шумо 900 грамм вазн дорад.

Фановар

*Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.*

**САРМУҲАРРИР:**
**Раҷабалӣ ШАРИФОВ**

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ухда намегирад.

Рӯзнома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха*